# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Давлатализода Хуршед Давлаталӣ дар мавзуи «Нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ). – Душанбе, 2026. – 183 с.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Таҳқиқи нақш ва хусусиятҳои фаъолияти воситаҳои ахбори омма дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, муайян намудани таъсири муҳити рақамӣ ба шаклу мазмуни фаъолияти журналистӣ, инчунин, арзёбии имкониятҳо ва мушкилоти нави коммуникатсионӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами илми журналистикаи муосир маҳсуб меёбад. Диссертатсияи Давлатализода Хуршед Давлаталӣ маҳз ба таҳқиқи мавзуи мазкур бахшида шуда, дар он масъалаҳои назариявию амалии фаъолияти воситаҳои ахбори омма дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд. Интихоби мавзуъ ба талаботи рушди илми журналистикаи миллӣ ва сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи воситаҳои ахбори омма мутобиқат намуда, дорои **аҳаммияти вижаи илмӣ** мебошад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Кор масъалаҳои назариявию амалии журналистикаи муосир, низоми таъсири иттилоотӣ ба афкори ҷомеа, қонуниятҳои фаъолияти воситаҳои ахбори омма, хусусиятҳои ташаккул ва тағйирёбии афкори ҷамъиятӣ, масъулияти иҷтимоии ВАО ва нақши онҳоро дар равандҳои иҷтимоию сиёсӣ фаро мегирад. Бинобар ин, мавзуи диссертатсия ба талаботи шиносномаи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мутобиқат дошта, муҳтавои таҳқиқ пурра ба доираи ихтисоси интихобшуда мувофиқат мекунад.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он аст, ки муаллиф масъалаи таъсири воситаҳои ахбори омма ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва ташаккули афкори ҷомеаро дар шароити Тоҷикистон ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор дода, шаклҳо ва навъҳои гуногуни таъсиррасонии иттилоотиро муайян ва таҳлилу пажуҳиш намудааст. Дар диссертатсия нақш ва имкониятҳои шаклҳои гуногуни ВАО дар ташаккули афкори ҷомеа ва таъсири онҳо ба равандҳои иҷтимоию сиёсӣ, аз ҷумла раванди қабули қарорҳо, мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст. Хусусияти муҳимми навгонии таҳқиқ истифодаи натиҷаҳои пурсишҳои иҷтимоӣ дар байни қишрҳои гуногуни аҳолӣ ва мутахассисони соҳаҳои рӯзноманигорӣ, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ мебошад, ки барои муайян намудани мавқеъ ва муносибати ҷомеа ба нақш ва таъсири ВАО заминаи эмпирикии боэътимод фароҳам овардааст.

Давлатализода Хуршед Давлаталӣ **нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар чор банд пешниҳод намудааст, ки мухтавои диссертатсияро фаро гирифта, бо дарназардошти хусусиятҳои журналистикаи муосир ва нақши воситаҳои ахбори омма дар ташаккули афкори умум дорои аҳаммияти махсус мебошанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои бадастовардаи диссертант, пеш аз ҳама, ба заминаи нисбатан васеи сарчашмаҳо ва такя ба маводди воқеии матбуоти даврӣ, барномаҳои телевизионӣ ва маводди интернетӣ асос меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқ бо истифода аз усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ ва таҳлили мухтаво ба даст оварда шудаанд. Муаллиф доираи васеи сарчашмаҳои илмӣ, маводди воситаҳои ахбори омма, сомонаҳои интернетӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқони ватанию хориҷиро мавриди истифода қарор додааст, ки ин ба эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои илмии диссертатсия мусоидат кардааст. Натиҷаҳо ва тавсияҳои диссертатсия дар асоси маводди мушаххас таҳия шуда, қобили эътимод мебошанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат буда, ҳаҷми умумии он 183 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Бобу фаслҳои диссертатсия аз ҷиҳати мантиқӣ бо ҳам алоқаманд буда, якдигарро пурра менамоянд.

**Муқаддимаи** таҳқиқ тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ таҳия ва пешниҳод шудааст.

**Боби аввали** диссертатсия – **«Омӯзиш ва таҳлили назариявии нақши ВАО дар шаклгирии афкори омма»** заминаи назариявӣ ва методологии таҳқиқро ташкил дода, мафҳумҳои калидӣ ва механизмҳои таъсири ВАО ба афкори умумро муайян менамояд.

**Фасли аввали боби якум – «Назаре ба шинохт ва таъсирбахшии расонаҳо»** унвон дошта, диссертант дар ин фасл, пеш аз ҳама, ба шарҳи мафҳуми «афкори умум» ва робитаи он бо ВАО таваҷҷуҳ менамояд. Муаллиф барои равшан намудани мафҳуми «афкори умум» аз фарҳангҳои тафсирӣ, фарҳангҳои энсиклопедӣ, адабиёти фалсафӣ ва сиёсатшиносӣ истифода кардааст, ки ин усул имкон медиҳад, ҷиҳатҳои луғавӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва коммуникатсионии он шарҳ дода шавад. Инчунин, ба таърихи ташаккули воситаҳои ахбори омма таваҷҷуҳ намуда, нишон медиҳад, ки рушди технологӣ тадриҷан имкониятҳои таъсиррасонии ВАО-ро васеъ кардааст.

Ҷанбаи муҳимми дигари фасл таҳлили масъалаи эътимоди аудитория ба ВАО ва мафҳуми манипулятсияи шуури ҷамъиятӣ мебошад. Диссертант ба масъалаи таъсири пинҳонӣ паҳншавии иттилооти якҷониба ва зарурати баланд бардоштани саводнокии расонаӣ таваҷҷуҳ кардааст, ки заминаи зарурии назариявии таҳқиқро фароҳам оварда, барои гузариш аз масъалаҳои умумӣ ба таҳлили ВАО-и миллӣ асоси мантиқӣ мегузорад.

**Фасли дуюми боби аввал «Таъсири муборизаҳои иттилоотӣ ба афкори умум»** номгузорӣ шуда, масъалаи таъсири муборизаҳои иттилоотӣ ба ташаккули афкори умум мавриди таҳлил қарор гирифта, рақобати иттилоотӣ, паҳншавии иттилооти нодуруст, таъсиргузории ҳадафмандона ба шуури аудитория тавзеҳ бахшида шудааст. Муаллиф муайян менамояд, ки таъсири ВАО ҳам созанда ва ҳам манфӣ мебошад, аз ҷумла, паҳн кардани иттилооти нодуруст, таҳрифи маълумот, истифодаи иттилооти ғаразнок ва ташаккули тасаввуроти якҷониба метавонад ба ҷомеа таъсири манфӣ расонад. Дар ин фасл муборизаҳои иттилоотӣ дар иртибот бо афкори умум, эътимоди аудитория, манфиатҳои миллӣ ва масъулияти ВАО пажуҳиш гардидаанд.

**«Фаъолияти телевизион дар самти шаклдиҳии афкори умум» унвони фасли сеюми боби якум** буда, диссертант хусусияти таъсиррасонии телевизионро тавассути имкониятҳои аудиовизуалӣ, дастрасӣ, таъсири эҳсосӣ ва қобилияти фарогирии аудитория мавриди баррасӣ қарор додааст. Таъкид мешавад, ки телевизион дар Тоҷикистон бо вуҷуди рушди шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳои рақамӣ мавқеи муҳимми иттилоотӣ ва иҷтимоӣ дорад. Муаллиф ба барномаҳои телевизионӣ ҳамчун воситаи асосии ифодаи сиёсати мухтавои шабакаҳо баҳои муносиб медиҳад. Ин мавқеъ аз ҷиҳати журналистика муҳим аст, зеро таъсири телевизионро маҳз тавассути мухтавои барномаҳо, жанрҳо, шакли пешниҳод ва муносибат бо аудитория муайян кардан мумкин аст.

Дар **боби дуюми диссертатсия «ВАО-и ватанӣ ва бунёди афкори созанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муаллиф хусусияти миллӣ ва амалии таҳқиқро тақвият дода, масъалаи нақши матбуот ва телевизионро дар ташаккули афкори умум дар заминаи расонаҳои Тоҷикистон мушаххас месозад.

Дар **фасли аввали боби дуюм – «Матбуот – василаи аввалини нашру паҳни иттилоот»** мақоми таърихӣ ва иҷтимоии матбуот дар фазои иттилоотии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Муаллиф матбуотро ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми ташаккули худшиносии миллӣ, худогоҳӣ, ҳисси ватандорӣ ва афкори иҷтимоӣ арзёбӣ мекунад. Муаллиф таърихи фаъолияти матбуоти тоҷикро дар давраҳои гуногун ба масъалаи ташаккули афкори умум пайванд дода, нақши онро дар давраи

соҳибистиқлолӣ ҳамчун тарғибгари ғояҳои созанда, худшиносии миллӣ ва таҳкими ваҳдати ҷомеа таъкид менамояд. Ҳамзамон, мавқеи матбуоти чопиро дар шароити рақобати расонаҳои рақамӣ низ ба инобат гирифта, ба назари муаллиф коҳиши таваҷҷуҳ ба матбуоти анъанавӣ маънои аз байн рафтани аҳаммияти онро надорад, балки зарурати мутобиқшавӣ ба муҳити нави иттилоотиро ба миён мегузорад.

**Фасли дуюми боби дуюм «Нақши матбуоти даврӣ дар ташаккули афкори умум (дар мисоли нашрияи «Ҷумҳурият»)** унвон гирифта, масъалаи мутобиқшавии матбуоти чопӣ ба талаботи аудиторияи муосирро ба миён мегузорад.

Муаллиф таъкид мекунад, ки дар шароити рақамисозӣ ва густариши телевизиону сомонаҳои интернетӣ мақоми матбуоти анъанавӣ тағйир ёфтааст. Бо вуҷуди ин, таҷрибаи «Ҷумҳурият» ҳамчун намунаи мутобиқшавии матбуоти анъанавӣ ба муҳити иттилоотии муосир арзёбӣ мешавад. Хусусан, истифодаи саҳифаҳои махсус, озмунҳои мавзӯӣ ва равишҳои муосири таҳририӣ ҳамчун омилҳои муҳими ҷалби аудитория арзёбӣ гардида, нашрияи мазкур дар ин замина ба ташаккули афкори умум, таҳкими шуури шаҳрвандӣ ва баланд бардоштани маърифати ҷомеа мусоидат менамояд.

**Фасли сеюми боби дуюм «Телевизиони Тоҷикистон ва махсусияти барномаҳои он дар фазои иттилоотӣ»** ба таҳлили фаъолияти Телевизиони Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф мавқеи телевизионро дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ таҳлил карда, ба хусусияти барномаҳо, вазифаҳои иттилоотӣ, маърифатӣ, тарбиявӣ ва таъсиррасонии онҳо таваҷҷуҳ менамояд. Ба андешаи муаллиф, бо вуҷуди рушди босуръати расонаҳои рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, телевизион дар Тоҷикистон ҳанӯз ҳам яке аз манбаъҳои асосии иттилоъ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, зарурати таҷдиди сиёсати муҳтавои барномасозӣ, ҷалби мутахассисони соҳибтаҷриба ва таҳияи барномаҳои ҷолибу муосир таъкид гардида, татбиқи чунин тадбирҳо метавонад ба баланд гардидани рақобатпазирии телевизиони миллӣ мусоидат намояд.

**Боби сеюм «Назарпурсӣ – василаи омӯзиш ва таҳқиқи афкори омма»** номгузорӣ шуда, ба таҳлили таҷрибавии афкори ҷомеа тавассути усули назарпурсӣ равона шуда, заминаи эмпирикии таҳқиқро тақвият медиҳад.

**Дар фасли аввали боби сеюм – «Баррасии назари коршиносон дар бораи нақши расонаҳо дар афкори омма»** муаллиф кӯшиш намудааст, ки хулосаҳои назариявии дӯ боби қаблиро бо андешаҳои коршиносон ва натиҷаҳои пурсиши иҷтимоӣ муқоиса намояд.

Бартарии фасл дар он аст, ки барои арзёбии нақши ВАО танҳо ба андешаи муҳаққиқон такя нашуда, нуктаи назари намояндагони соҳаҳои

журналистика, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ низ ба назар гирифта шудааст. Довталаби дараҷаи илмӣ дар заминаи пурсишҳои сотсиологӣ муайян кардааст, ки масъалаи эътимод ба ВАО яке аз омилҳои асосии таъсиргузории расонаҳо ба афкори ҷомеа мебошад. Муаллиф дуруст хулоса менамояд, ки танҳо мавҷудияти ВАО ҳамчун институти иҷтимоӣ барои таъсиррасонии муассир кофӣ набуда, балки мазмун, эътимоднокии иттилоот ва риояи меъёрҳои касбии журналистӣ аҳаммияти ҳалкунанда доранд.

**Фасли дуюми боби сеюм «Таъсири расонаҳо дар шинохти аудитория»** унвон гирифта, дар он масъалаи тағйирёбии муносибати аудитория ба манбаъҳои иттилоотӣ дар шароити рушди технологияҳо таҳлил шудааст. Диссертант дуруст қайд мекунад, ки интернет, телефонҳои мобилӣ, телевизион ва дигар технологияҳои муосир тарзи дастрасӣ ба иттилоотро ба куллӣ тағйир додаанд. ВАО дигар ягона манбаи иттилоот нест, вале ин маънои аз байн рафтани нақши матбуот, телевизион ва дигар расонаҳои касбиро надорад.

Масъалаи муносибати аудитория бо ВАО дар шароити рақамисозӣ аз масъалаҳои муҳимтарини журналистикаи муосир мебошад. Муаллиф дар ин фасл ба зарурати барқарор ва таҳкими эътимоди ҷомеа ба ВАО, баланд бардоштани сифати муҳтавои журналистӣ ва такмили малакаҳои касбии рӯзноманигорон таваҷҷуҳ намудааст.

**Хулосаи диссертатсия** натиҷагириҳои асосии муҳаққиқро дар 12 банд фаро гирифта, истинод ба таълифоти диссертант дурустӣ ва асоснокии хулосаҳои пешниҳодшударо тасдиқ менамоянд. Хулоса ва тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ бардошт аз таҳлилу таҳқиқи мавзӯю масоили меҳварии бобу фаслҳои диссертатсия буда, ҷанбаи қавии назарию амалӣ доранд.

**Аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки муаллиф нақш ва таъсири воситаҳои ахбори оммаро ба ҳаёти ҷомеа ва ташаккули афкори ҷамъиятӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст. Натиҷаҳои бадастомада барои такмили асосҳои назариявии омӯзиши муносибатҳои мутақобилаи ВАО ва ҷомеа, муайян намудани шаклу усулҳои таъсиррасонии иттилоотӣ ва дарки ҷойгоҳи расонаҳо дар равандҳои иҷтимоию сиёсӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Аз ҷиҳати амалӣ низ диссертатсия дорои аҳаммияти махсус мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқро метавон дар фаъолияти амалии воситаҳои ахбори омма, таҳияи барномаҳои иттилоотӣ ва баланд бардоштани сатҳи маҳорати касбии журналистон истифода бурд. Ҳамчунин, натиҷаҳои бадастомада барои анҷом додани таҳқиқоти минбаъда дар соҳаҳои журналистика, ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносӣ

замина фароҳам меоранд. Маводди диссертатсияро метавон дар раванди таълими фанҳои тахассусии журналистика ва таҳияи дастуру васоити таълимию методӣ мавриди истифода қарор дод.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар шакли мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ интишор ва муаррифӣ гардидаанд. Аз ҷумла, муаллиф 9 мақолаи илмиро аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақолаи дигарро дар маҷмуаҳои дигари илмӣ ба нашр расонидааст. Мазмуни ин интишорот ба муҳтавои диссертатсия мутобиқ буда, натиҷаҳои асосии таҳқиқро инъикос менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсия ва автореферати Давлатализода Хуршед Давлаталӣ дар асоси Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ таҳия ва пешниҳод гардида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамоянд. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди арзиши баланди илмӣ доштани диссертатсия, дар он баъзе нуктаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд:

1. Дар боби якум муаллиф ба баррасӣ ва иқтибоси андешаҳои пажуҳишгарон таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудааст, аммо мавқеи муҳаққиқ то андозае камтар ба мушоҳида мерасанд.

2. Дар диссертатсия баъзан ҷумлаҳое ба назар мерасанд, ки хусусияти бадеӣ дошта, ба услуби илмӣ чандон мувофиқ нестанд. «Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ба рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва кормандони он болу пар бахшид» (с. 65) аз ҷумлаи чунин ифодаҳо мебошад.

3. Дар диссертатсия истифодаи баъзе калимаҳо дар ду шакл ба назар мерасад: «шӯравӣ» ва «шуравӣ», «марҳила» ва «марҳала», «муҳимми» ва «муҳими». Зарур аст, ки шакли ягонаи дурусти ин калимаҳо дар диссертатсия ба таври яксон истифода шавад.

4. Ҳангоми таҳлили таъсири ВАО ба афкори умум истифодаи васеътарии усулҳои таҳлили контент, муқоисаи мундариҷаи расонаҳои гуногун ва пешниҳоди нишондиҳандаҳои миқдорӣ метавонист ҷанбаи амалии таҳқиқро боз ҳам қавитар намояд.

Бо ин нуктаҳои ҷузъӣ арзиши илмию амалиии диссертатсия коҳиш намеёбад.

**Хулоса,** диссертатсияи Давлатализода Хуршед Давлаталӣ дар мавзуи «Нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум» кори илмии мустақилона, баанҷомрасида ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ буда, ба меъёру муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва довталаб сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи иттилоот ва технологияҳои робитавии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Бобоҷонова М.С.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,
гузаргоҳи Исмоили Сомонӣ - 52,
Тел: (+992) 92 952-30-09
E-mail: mbobojonova1987@mail.ru
«28» августи соли 2026

Имзои Бобоҷонова Мутриба Султоновнаро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадр ва корҳои махсуси МДТ-и «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» Сайдуллозода З. С.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков - 1,
Тел: (+992) 928057007
E -mail: ddhkadr@mail.ru.tj
«28» августи соли 2026